# ҚОНУНИ

# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

# ДАР БОРАИ ТАЪМИНИ ОБИ НӮШОКӢ ВА РАФЪИ ОБҲОИ ПАРТОВ

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов, кафолатҳои давлатии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов, инчунин сифат ва бехатарии онҳоро муқаррар мекунад.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

### Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **оби нӯшокӣ** – обе, ки аз ҷиҳати сифат ва бехатарӣ дар ҳолати табиӣ ё баъди коркард (тозагардонӣ, безараргардонӣ, илова намудани моддаҳои кимиёвӣ) ба талаботи меъёрии муқарраршуда ҷавобгӯ буда, барои нӯшидан, тайёр намудани хӯрок, эҳтиёҷоти дигари хоҷагидорию маишии аҳолӣ ва истеҳсоли маҳсулоти хӯроквbooрӣ истифода мешавад;

- **талаботи меъёрӣ нисбат ба сифат ва бехатарии оби нӯшокӣ** – маҷмӯи нишондиҳандаҳои кимиёвию микробиологӣ ва хусусиятҳои органолептикии оби нӯшокӣ (мазза, ранг, бӯй, ҳарорат), ки бо усулҳои илмию таҳқиқотӣ ва қоидаҳои санитарӣ муқаррар гардида, бехатарӣ ва безарарии онро барои саломатии аҳолӣ кафолат медиҳад;

- **таъмини оби нӯшокӣ** – фаъолияте, ки барои таъмини талаботи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба оби нӯшокӣ равона карда шудааст;

- **манбаи таъмини оби нӯшокӣ** – обҳои табиӣ (рӯизаминӣ ва зеризаминӣ), ки баъди коркарди мувофиқ ва ё бе коркард барои таъмини оби нӯшокӣ истифода мешаванд;

- **шабакаи мутамаркази таъмини оби нӯшокӣ (шабакаи оби нӯшокии истифодаи умум)** – маҷмӯи таҷҳизот, иншооти гидротехникӣ ва дигар таъйиноти хоҷагии об барои гирифтан, коркард, нигоҳ доштан ва ба маҳалли истеъмол расонидани оби нӯшокӣ, ки барои истифодаи оммавии шахсони воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ дастрас мебошад;

- **шабакаи ғайримутамаркази таъмини оби нӯшокии истифодаи умум** – таҷҳизоти гидротехникӣ ва иншооти дигари таъйиноти хоҷагии об барои гирифтан ва коркарди (ё бе коркарди) оби нӯшокӣ, бе расонидани он ба маҳалли истеъмол, ки барои истифодаи оммавии шахсони воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ дастрас мебошанд;

- **шабакаҳои мухтори таъмини оби нӯшокӣ** – таҷҳизоти иншооти гидротехникӣ ва дигар иншооти таъйиноти хоҷагии об барои гирифтани оби нӯшокӣ ва расонидани (ё нарасонидани) он ба ҷойҳои истеъмолшавӣ, ки дар истифодаи фардӣ қарор доранд (бинои алоҳида, хоҷагии фермерӣ, бӯстонсарой ё иншооти алоҳидаи дигар);

- **шабакаи таъмини оби нӯшокӣ дар воситаҳои нақлиёт** – таҷҳизоту дастгоҳҳое, ки дар воситаҳои нақлиёт барои бо оби нӯшокӣ таъмин намудани мусофирон, ҳайати идоракунандаи нақлиёт ва хизматрасон дар самти ҳаракати воситаҳои нақлиёти мусофиркаш ё таъйиноти дигар ҷойгир карда шудаанд;

- **шабакаи таъмини оби нӯшокӣ** – ҳама намуди шабакаҳо (мутамарказ, ғайримутамарказ, мухтор ва шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ дар воситаҳои нақлиёт) ҳангоми мавҷуд будани меъёрҳои умумии мутобиқ барои қонеъ гардонидани талаботи физиологии инсон ба оби нӯшокӣ ва эҳтиёҷоти хоҷагидорию маишӣ;

- **рафъи обҳои партов** – қабул, интиқол ва тозакунии обҳои партов бо истифодаи шабакаи рафъи обҳои партов;

- **шабакаҳои рафъи обҳои партов** – маҷмӯи иншоотҳои бо ҳам алоқаманди муҳандисӣ, гидротехникӣ ва иншооти дигаре, ки барои қабул, интиқол, тозакунӣ ва безараргардонии обҳои партов ва такшини онҳо то сатҳи талаботи муқарраршуда пеш аз нобудкунӣ ва ё партофтани онҳо ба иншоотҳои обӣ, дигар қабулгоҳи обҳои партов таъйин гардидаанд;

- **обҳои партов** – обҳое, ки мувофиқи тартиби муайянкардашуда баъди истифода ба иншооти обӣ партофта мешаванд ё аз минтақаҳои олудашуда дохил мешаванд;

- **таркиб ва хусусияти обҳои партов** – маҷмӯи нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи хусусиятҳои табиӣ, кимиёвӣ, бактериологӣ ва дигари обҳои партов, аз ҷумла ғализияти ҷузъҳои ифлоскунанда ва микроорганизмҳо дар обҳои партов;

- **эътимоднокии шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ** – хусусияти шабака, ки реҷаи муайяни интиқоли оби нӯшокиро ба истеъмолкунандагон тибқи талаботи меъёрӣ нисбат ба сифат ва бехатарии оби нӯшокӣ таъмин менамояд;

- **эътимоднокии шабакаҳои рафъи обҳои партов** – хусусияти шабака, ки қабул, интиқол ва тозакунии мунтазами обҳои партовро мувофиқи меъёрҳои муқарраргардидаи сифат ва бехатарӣ таъмин менамояд;

- **минтақаҳои санитарию муҳофизатии манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ ва шабакаҳои он** – ҳудудҳо ва марзобҳое, ки дар онҳо низоми махсуси хоҷагидорӣ ва фаъолияти дигар барои пешгирӣ аз ифлосшавии об бо мақсади таъмини сифат, бехатарии обҳо ва ҳифзи он муқаррар гардидааст;

- **минтақаҳои санитарию муҳофизатии шабакаҳои рафъи обҳои партов** – ҳудуди пешбинишуда ва ҳифзгардида барои ҳифзи иншооти рафъи обҳои партов ва аз таъсири номусоиди беруна ва ҳифзи муҳити атроф, ки ҳудуди он бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад;

- **меъёри истеъмоли оби нӯшокӣ** – миқдори зарурии оби нӯшокӣ барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти физиологӣ ва маишии як одам дар давоми як шабонарӯз дар маҳалли мушаххас, иншооти алоҳида ё воситаи нақлиёт ҳангоми фаъолияти муътадили шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ, халалдор гардидани фаъолияти муътадили онҳо ва дар ҳолатҳои фавқулода;

- **ташкилоти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов** – шахсони ҳуқуқие, ки ҳуқуқи истифодабарӣ, пешбурди хоҷагидорӣ ва идоракунии оперативии шабакаҳои мутамарказ, ғайримутамарказ ва мухтори таъмини оби нӯшокӣ ва мувофиқан шабакаҳои рафъи обҳои партовро амалӣ менамоянд;

- **истеъмолкунандагони оби нӯшокӣ** – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки оби нӯшокиро барои талаботи шахсиашон истифода менамоянд;

- **муштарӣ** – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки барои таъмини оби нӯшокӣ ва ё рафъи обҳои партов шартнома бастаанд ва ё уҳдадоранд шартнома банданд;

- **истифодабарандагони шабакаҳои рафъи обҳои партов** – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки шабакаҳои рафъи обҳои партовро барои партофтани оби партов истифода мебаранд;

- **реагентҳо** – моддаҳои кимиёвие, ки барои тоза ва безараргардонии оби нӯшокӣ ва обҳои партов аз ҷониби ташкилоти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов истифода бурда мешаванд.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи оби нӯшокӣ, таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Вазифаҳои Қонуни мазкур**

Вазифаҳои Қонуни мазкур аз инҳо иборатанд:

- муқаррар намудани кафолатҳои ҳуқуқӣ ва қонеъ гардонидани талаботи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба оби нӯшокӣ;

- муқаррар намудани асосҳои хоҷагию иқтисодии таъмини оби нӯшокӣ;

- муқаррар намудани кафолатҳои давлатии эътимоднокии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов, инчунин асосҳои ба ҷавобгарӣ кашидан барои вайрон кардани қоидаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов.

**Моддаи 4. Принсипҳои сиёсати давлатӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов**

Принсипҳои сиёсати давлатӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов аз инҳо иборатанд:

- ҳуқуқи инсон ба оби бехатар ва санитария;

- гуногунии шаклҳои моликият ва идоракунӣ, аз ҷумла шарикии давлат ва бахши хусусӣ;

- ғайриинҳисорӣ ва ғайримутамарказонии низоми идоракунӣ;

- баҳисобгирии хусусиятҳои татбиқи таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партови шаҳр ва деҳот;

- ягонагии хоҷагидории ҳар як шабакаи таъмини оби нӯшокӣ ва шабакаи рафъи обҳои партови ба он алоқаманд;

- аҳамияти ҳаётан муҳим доштани шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- назорати давлатӣ ва танзими давлатии масъалаҳои таъмини оби нӯшокӣ дар таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- музднокии хизматрасонии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов.

## БОБИ 2. ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ДАР САМТИ ТАЪМИНИ ОБИ НӮШОКӢ ВА РАФЪИ ОБҲОИ ПАРТОВ

### Моддаи 5. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов

Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов дохил мешавад:

- таҳия ва татбиқ намудани сиёсати давлатӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- тасдиқи (қабули) санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- тасдиқ намудани барномаҳои давлатии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- тасдиқи тартиби қабул ва супоридани фондҳои асосии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов, новобаста аз шакли моликият ва идоракунӣ;

- танзими масъалаҳои рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- татбиқ намудани сиёсати нархгузорӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- муайян кардани тартиби баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- муайян намудани тартиби таъсис ва истифодабарии захираҳои молиявӣ ва моддию техникӣ барои барқарорсозии шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов, ки зери таъсири манфии ҳолатҳои фавқулода қарор гирифтаанд;

- муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов ва вазифаҳои он;

- ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- амалӣ намудани салоҳияти дигар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

### Моддаи 6. Ваколати мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов

Ба ваколати мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов дохил мешавад:

- ташкили меъёргузорӣ, баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ дар таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- амалӣ намудани сиёсати давлатӣ оид ба таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов мувофиқи меъёрҳои амалкунандаи миқдор, сифат ва бехатарӣ;

- ҳамоҳангсозии таҳқиқотҳои илмӣ ва ҷорӣ намудани дастовардҳои нав дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов, истеҳсоли маводи зарурӣ ва моддаҳои кимиёӣ барои тоза ва безараргардонии оби нӯшокӣ ва обҳои партов ва ташкили маблағгузории онҳо;

- тасдиқи барномаҳои мақсадноки минтақавӣ ва нақшаи чорабиниҳо оид ба ташкил, нигоҳдорӣ ва рушди шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- муайян намудани чораҳо оид ба муҳофизати манбаъҳо ва шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- якҷоя бо мақоми ваколатдори назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ташкил намудани санҷишҳои техникӣ ва аудити технологии шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ташкили таълим, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати қабул (тасдиқ) пешниҳод намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти таъмини об нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- муқаррар намудани тариф барои хизматрасонии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- амалӣ намудани ваколатҳои дигар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 7. Ваколати мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов**

Ба ваколати мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов дохил мешавад:

- тасдиқи барномаҳои маҳаллӣ ва нақшаи чорабиниҳо оид ба ташкил, нигоҳдошт ва рушди шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- андешидани чораҳо ҷиҳати таъмини иҷрои барномаҳои давлатӣ ва минтақавие, ки барои беҳтар намудани таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов амалӣ гардонида мешаванд;

- андешидани чораҳо ҷиҳати таъмини меъёрҳои сифат ва бехатарии обҳои партов, инчунин оби нӯшокӣ ва истифодаи самарабахши он, ҳифзи манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ аз ифлосшавӣ, олудашавӣ ва камобшавӣ;

- ташкили корҳо оид ба таъмини шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов мувофиқи меъёрҳои муқаррааргардида;

- ташкили корҳо ҷиҳати ба таври ҳатмӣ ҷорӣ намудани насби иншооти инфиродӣ ва ҷамъиятии хурди замонавии тозакунандаи обҳои партов ва нобудгардонии партовҳои наҷосатнок дар деҳот;

- мусоидат ба рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- амалӣ намудани ваколатҳои дигар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 8. Ваколати мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов**

Ба ваколати мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов дохил мешавад:

- мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил намудани таъмини истеъмолкунандагон бо оби нӯшокӣ ба миқдори зарурӣ ва сифату бехатарӣ, ҳамчунин рафъи обҳои партов;

- таҳияи пешниҳодҳо ба барномаҳо ва нақшаи чорабиниҳои маҳаллӣ оид ба рушди шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- гузаронидани чорабиниҳо оид ба ташкили минтақаҳои санитарию муҳофизатии манбаъҳо ва шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов, инчунин истифодаи оқилона ва ташкили мониторинги сифат ва бехатарии оби нӯшокӣ ва обҳои партов;

- мусоидат дар ташкили маблағгузорӣ, таъминоти моддию техникии корҳо оид ба таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- дар асоси хулосаи мақоми ваколатдори назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ қабули қарор дар бораи манъ ё маҳдуд намудани истифодаи оби нӯшокӣ дар ҳолати ҷавобгӯ набудани он ба талаботи меъёру қоидаҳои санитарӣ;

- пешгирии ҳолатҳои вайронкунии низоми истифодаи минтақаҳои санитарию муҳофизатии манбаъҳо ва шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- мусоидат ба аҳолӣ ҷиҳати риояи талаботе, ки нисбати таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов дар ҳолатҳои фавқулода пешбинӣ шудаанд;

- таъмини истеъмолкунандагони оби нӯшокӣ бо иттилооти зарурӣ оид ба сифат ва бехатарии оби нӯшокӣ, меъёрҳои харҷ ва усулҳои сарфаи он, тартиби пардохти ҳаққи хизматрасонии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- амалӣ намудани ваколатҳои дигар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## БОБИ 3. НАМУДҲОИ ШАБАКАҲОИ ТАЪМИНИ ОБИ НӮШОКӢ ВА РАФЪИ ОБҲОИ ПАРТОВ

**Моддаи 9. Намудҳои шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов**

1. Шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ метавонанд моликияти давлатӣ (ҷумҳуриявӣ ва коммуналӣ), инчунин моликияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бошанд.
2. Гузаштани ҳуқуқи моликият ё тағйирдиҳии шакли моликият, пешниҳоди ҳуқуқи истифодабарии шабакаҳои давлатии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов ба муҳлати муайян ва (ё) бе муқаррар намудани муҳлат дар ҳар шакле, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, бо шарти халалдор нагардидани фаъолияти ин шабакаҳо роҳ дода мешавад.
3. Соҳибмулкони шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов метавонанд, дар ҳар шакле, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, иттиҳодияҳои истифодабарандагони об, ки хизматрасонии ин шабакаҳоро амалӣ менамоянд, ҳуқуқи истифодабарии шабакаҳоро пешниҳод намоянд.
4. Ҳангоми халалдор гардидани фаъолият ва риоя накардани шартҳои техникии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов, ки ба саломатии аҳолӣ хатар доранд, шабакаҳои ғайридавлатии мутамарказ, ғайримутамарказ ва мухтори таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов ба моликияти давлатӣ бо тартиби муайянгардидаи Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта шуда, барои ташкили беҳтари истифодабарӣ ба ташкилоти дигар тибқи тартиби муайянкардаи Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида мешаванд.
5. Ҳуқуқи истифодабарӣ, пешбурди хоҷагидорӣ ва идоракунии оперативии шабакаҳои давлатии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов дар ҳолатҳои зерин қатъ карда мешавад:

- халалдоргардии бисёркаратаи фаъолияти ин шабакаҳо;

- мунтазам таъмин нагардидани меъёрҳои сифат ва бехатарии оби нӯшокӣ, инчунин партофтани обҳои партов ба муҳити табиӣ.

6. Қарор оид ба қатъи ҳуқуқи истифодабарӣ, пешбурди хоҷагидорӣ ва идоракунии оперативии шабакаҳои давлатии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ,  мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот вобаста ба ваколати онҳо қабул карда мешавад.
7. Қарор оид ба қатъ намудани ҳуқуқи моликият ва истифодабарии шабакаҳои ғайридавлатии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби судӣ амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 10. Шабакаҳои мутамаркази таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов**

1. Шабакаҳои мутамаркази таъмини оби нӯшокӣ асоси таъмини муттасили истеъмолкунандагон бо оби нӯшокӣ буда, иншооти ҳаётан муҳим դониста мешаванд.
2. Номгӯи таҷҳизот, мавод ва реагентҳо барои дастрасии оби нӯшокӣ, ки барои фаъолияти ташкилоти аз шабакаи мутамаркази обтаъминкунии шаҳрҳо ва минтақаҳои дигари аҳолинишин истифодабаранда заруранд, ба номгӯи маҳсулоти зарурии эҳтиёҷоти давлатӣ дохил карда мешавад.
3. Идоракунии шабакаҳои мутамаркази таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партовро соҳибмулкони он метавонанд мустақилона амалӣ гардонанд ва ё ҳуқуқи истифодабариро ба шахсони дигари ҳуқуқӣ диҳанд.

**Моддаи 11. Шабакаҳои ғайримутамарказ ва мухтори таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов**

1. Шабакаҳои ғайримутамарказ ва мухтори таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов барои бо оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов таъмин намудани истеъмолкунандагон ҳангоми набудани шабакаҳои мутамаркази таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов ташкил карда мешаванд.
2. Талабот ба интихоби манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ барои шабакаҳои ғайримутамарказ ва мухтори обтаъминкунӣ ва ҷойгиркунии шабакаҳои рафъи обҳои партови ба онҳо мутобиқ ва тозакунии обҳои партов тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.
3. Идоракунии шабакаҳои ғайримутамарказ ва мухтори таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партовро молики ин шабакаҳо метавонад мустақилона амалӣ гардонад, ё ин ки ҳуқуқи идоракуниро ба шахсони дигари воқеӣ ва ҳуқуқӣ пешниҳод намояд.

**Моддаи 12. Шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов дар воситаҳои нақлиёт**

1. Шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов дар воситаҳои нақлиёт ҷузъи таркибии ин воситаҳо мебошанд. Фаъолияти муътадили шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов дар воситаҳои нақлиёт, мутобиқати сифат ва бехатарии оби нӯшокӣ ва обҳои партов дар ин шабакаҳоро соҳибони воситаҳои нақлиёт тибқи талаботи меъёрӣ таъмин менамоянд.
2. Рафъи обҳои партов дар воситаҳои нақлиёт, инчунин бартарафсозии обҳои партов мутобиқи талаботи меъёр ва қоидаҳои санитарӣ амалӣ гардонида мешавад.
3. Назорати таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов дар воситаҳои нақлиёт аз ҷониби мақоми ваколатдори назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ амалӣ гардонида мешавад.

## БОБИ 4. ТАНЗИМИ ДАВЛАТӢ, МАБЛАҒГУЗОРӢ ВА ТАРИФИ ТАЪМИНИ ОБИ НӮШОКӢ ВА РАФЪИ ОБҲОИ ПАРТОВ

**Моддаи 13. Танзими давлатии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов**

1. Рушди таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов тавассути амалигардонии барномаҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавии таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов сурат мегирад. Таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов ба нақшаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ дохил карда мешаванд.
2. Лоиҳакашӣ, сохтмон ва азнавсозии шабакаҳои мутамарказ, ғайримутамарказ ва мухтори таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов мутобиқи нишондиҳандаҳои баҳисобгирифташудаи нақшаҳои генералии рушди ҳудудҳо, меъёру қоидаҳои сохтмонӣ, стандартҳои давлатӣ, меъёру қоидаҳои санитарӣ ва талаботи экологӣ тибқи тартиби муқаррargардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад. Ҳангоми ба нақша гирифтани чунин лоиҳаҳо талаботи эътимоднокии истифодабарии шабакаҳои мазкур ҳангоми ба онҳо таъсир расонидани омилҳои хусусияти табиӣ ва техногенидошта ба назар гирифта мешавад.
3. Корҳои лоиҳакашӣ, сохтмон ва истифодабарии шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ташкилотҳои лоиҳакашӣ-кофтуковӣ, сохтмонӣ ва истифодабарӣ, ки дорои

иҷозатномаи дахлдор бо ҳуқуқи машғул шудан ба чунин намуди фаъолият мебошанд, анҷом дода мешаванд.

4. Ҷойгиркунонӣ ва кофтани чоҳҳо бо мақсади таъмини оби нӯшокӣ бе расонидани зарар ба обнокии мавҷудаи кони оби зеризаминӣ мутобиқи тартибе, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, сурат мегирад.
5. Масъалаҳои рушди таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов дар нақшаҳои ҳавзавӣ оид ба идоракунии захираҳои обӣ аҳамияти афзалиятнок доранд.

**Моддаи 14. Назорати давлатӣ ва баҳисобгирӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов**

1. Назорати давлатиро дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов мақоми ваколатдори назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист таъмин менамоянд.
2. Баҳисобгирии манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ ва ҷои партофтани обҳои партовро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими истифодаи захираҳои об бо иштироки мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист (обҳои рӯизаминӣ), мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи истифодаи қаъри замин (обҳои зеризаминӣ) ва мақоми ваколатдори назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таъмин менамояд.
3. Муайян намудани сифату бехатарии оби нӯшокӣ ва назорати мувофиқати он ба меъёрҳои муқарраршуда аз ҷониби мақоми ваколатдори назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ амалӣ мегардад.
4. Баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ оид ба оби аз шабакаҳои мутамарказ, ғайримутамарказ ва мухтори таъмини оби нӯшокӣ истифодашаванда, инчунин партофтани обҳои партов аз тарафи моликони ин шабакаҳо анҷом дода мешавад.
5. Назорати риояи талаботи стандартҳои давлатӣ оид ба оби нӯшокӣ ва обҳои партов, инчунин тарзу усулҳои назорати ин обҳо аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартикунонӣ якҷоя бо мақоми ваколатдори назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист таъмин карда мешавад.
6. Назорати давлатии риояи меъёру қоидаҳои сохтмонӣ ва санитарӣ ҳангоми лоиҳакашӣ ва сохтмони иншооти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба сохтмон ва меъморӣ, инчунин мақоми ваколатдори назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ амалӣ карда мешавад.
7. Назорати давлатӣ ва баҳисобгирӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.
8. Санҷиши фаъолияти субъектони хоҷагидор тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 15. Маблағгузорӣ ва тарифи хизматрасонии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов**

1. Манбаъҳои маблағгузории таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов инҳо мебошанд:

- маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ;

- маблағҳои истеъмолкунандагони оби нӯшокӣ ва истифодабарандагони шабакаҳои рафъи обҳои партов мутобиқи тарифҳои тасдиқшуда;

- маблағҳои ихтиёрии аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидор;

- маблағҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

2. Бо мақсади дар як ҷо ҷамъ овардан ва самаранок истифода бурдани маблағҳои дар қисми 1 ҳамин модда номбаршуда, аз ҷумла созмонҳои байналмилалӣ, барои татбиқи дастовардҳои муосири илмӣ ва техникӣ, барқарорсозӣ, азнавсозӣ ва сохтмони шабакаҳои нави таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо иштироки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд фондҳои боварӣ таъсис диҳанд.
3. Асоси муносибатҳои молиявии ташкилотҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов бо истеъмолкунандагон ва мақомоти андозро насби ҳатмии воситаҳои ченкунии оби истифодашуда барои ҳар як муштарӣ ва низоми нархгузории муносиб бо дар назар доштани мавҷудияти кумаки давлатӣ ба баъзе аз воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ, ҳолати иҷтимоии табақаҳои гуногуни аҳолӣ ва чораҳои ҳимояи онҳо, даромаднокии соҳибкорон ва ташкилотҳо новобаста аз шакли моликият ташкил медиҳад.
4. Тарифҳои хизматрасониҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов барои ҳар як гурӯҳи истеъмолкунандаи оби нӯшокӣ ва истифодабарандагони шабакаҳои рафъи обҳои партов алоҳида барои меъёр ва аз меъёр зиёд таркибёфта аз инҳо иборат мебошад:

- қисмати амалиётӣ, ки пардохт аз рӯи нишондоди асбоби баҳисобгирӣ барои ҳар як метри мукааби оби нӯшокӣ рӯёнида мешавад;

- қисмати хизматрасонӣ, ки пардохт аз истеъмол-кунандагони оби нӯшокӣ новобаста аз нишондоди асбоби баҳисобгирии он гирифта мешавад.

5. Тартиби таҳия намудани тарифҳо барои хизматрасонии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.
6. Тасдиқи тарифҳо барои хизматрасонии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов, муайян намудани категорияҳои истеъмолкунандагони оби нӯшокӣ ва истифодабарандагони шабакаҳои рафъи обҳои партов ва пешниҳоди имтиёзҳои дахлдорро ба онҳо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

**Моддаи 16. Дастгириии давлатии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов**

Имтиёзҳои андозӣ, қарзӣ ва имтиёзҳои дигари барои ташкилотҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов, новобаста аз шакли моликият, инчунин барои истеҳсолкунандагони таҷҳизот ва маводи таъминкунандаи фаъолияти шабакаҳо ва сармоягузорон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

## БОБИ 5. КАФОЛАТҲОИ ДАВЛАТИИ ТАЪМИНИ ОБИ НӮШОКӢ ВА РАФЪИ ОБҲОИ ПАРТОВ

**Моддаи 17. Кафолатҳои давлатии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов**

1. Давлат барои рушди таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов шароит фароҳам меорад, таъмини истеъмолкунандагонро бо оби нӯшокии ҷавобгӯ ба меъёрҳои муқарраршудаи бехатарӣ, сифат ва миқдор, инчунин шабакаҳои комилан мувофиқи рафъи обҳои партов кафолат медиҳад.
2. Эҳтиёҷоти истеъмолкунандагон ба оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов дар маҳалли зист бо тадбирҳои рушди афзалиятноки шабакаҳои мутамарказ ё ғайримутамаркази шабакаи таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов, инчунин бо чораҳои дастгирии давлатии онҳо қонеъ гардонида мешавад.
3. Кафолати ҳуқуқи шаҳрвандон ба оби нӯшокии бехатар ва рафъи обҳои партов дар ҷойҳои ҷамъиятӣ (дар роҳҳои оҳан, фурудгоҳҳо, боғҳои фароғатӣ, муассисаҳои варзишӣ ва табобатӣ, муассисаҳои таълимӣ, ҷойҳои оббозикунӣ (пляжҳо) ва дигар, инчунин ҳангоми ҳаракат дар воситаҳои нақлиёт аз тарафи моликони ин иншоот таъмин карда мешавад.
4. Дар ҳолати вайрон шудани кори шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ, ки боиси халалдор шудани таъмини истеъмолкунандагон бо оби нӯшокӣ ва (ё) номувофиқатии сифат ва бехатарии он мегардад, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, моликони шабакаҳо ва ташкилотҳои таъминоти оби нӯшокӣ дар доираи ваколатҳои худ уҳдадоранд, ки барои таъмини истеъмолкунандагон бо оби нӯшокӣ ба миқдор ва муҳлати барои чунин ҳолатҳо муқарраргардидаи меъёри истеъмоли оби нӯшокӣ бо истифода аз манбаъҳо ва шабакаҳои эҳтиётии таъмини оби нӯшокӣ, воситаҳои техникии маишӣ ва тозакунии дастаҷамъонаю безараргардонии об ва ё тариқи кашонидани оби нӯшокӣ бо зарфҳо чораҳо андешанд.
5. Номгӯи чорабиниҳое, ки дар ҳолатҳои халалдоршавии кори шабакаҳои мутамарказ, ғайримутамарказ ва мухтори таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов андешида мешаванд, дар нақшаи корҳои таъҷилии таъмин намудани истеъмолкунандагони маҳалли мушаххас бо оби нӯшокӣ муайян мегарданд.

**Моддаи 18. Таъмини сифат ва бехатарии оби нӯшокӣ**

Сифат ва бехатарии оби нӯшокие, ки ба истеъмолкунандагон дода мешавад, бояд ба талаботи меъёрӣ мутобиқ буда, бо чораҳои зерин таъмин карда мешавад:

- интихоби мувофиқи манбаи таъмини оби нӯшокӣ, технологияи тоза кардани об ва безараргардонии он;

- назорати мунтазами сифат ва бехатарии оби нӯшокӣ дар шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ;

- дар шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ истифода намудани таҷҳизот, мавод, реагентҳое, ки безарар будани онҳоро сертификати муқарраршуда тасдиқ мекунад;

- муқаррар намудан ва ҳар 5 сол аз нав баррасӣ кардани талаботи меъёрӣ нисбат ба оби нӯшокӣ ва манбаъҳои таъмини он мутобиқи дастовардҳои муосири илмӣ;

- ҳифзи манбаъҳо ва шабакаҳои таъмини оби нӯшокии мутамарказ, ғайримутамарказ ва мухтор бо муқаррар намудани минтақаҳои санитарию муҳофизатӣ ва андешидани чораҳои дигари ҳифзи оби нӯшокӣ аз ифлосшавӣ дар ҳолати амалҳои тасодуфӣ ё барқасдона;

- таҳия ва татбиқи нақшаҳои таъмини оби нӯшокӣ бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;

- таҳия ва татбиқи барномаҳои кории истифода ва назорати сифату бехатарии оби нӯшокии шабакаҳои обтаъминкунии мутамарказ, ғайримутамарказ ва мухтор вобаста ба шароити маҳал;

- муқаррар намудани чораҳои қатъии назорати даврии сифат ва бехатарии оби нӯшокӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳангоми таҳдиди хатар ба саломатии одамон вобаста ба бад гаштани сифати оби нӯшокӣ.

**Моддаи 19. Таъмини сифат ва бехатарии обҳои партов**

Сифат ва бехатарии обҳои партов бояд ба талаботи меъёрӣ мутобиқ буда, бо чораҳои зерин таъмин карда шаванд:

- муқаррар намудани низоми мувофиқ барои партофтани моводи ифлоскунанда ба обҳои партофташаванда барои категорияи истеъмолкунандагони оби нӯшокӣ;

- таъмин намудани ҳолати меъёрию техникии шабакаҳои рафъи обҳои партов;

- интихоби мувофиқи маҳалли ҷойгиркунонии иншооти тозакунанда ва технологияҳои тозакунии обҳои партов;

- назорати мунтазами сифат ва бехатарии обҳои партов дар шабакаҳои рафъи обҳои партов;

- дар шабакаи рафъи обҳои партов истифода намудани таҷҳизот, мавод ва реагентҳое, ки бехатарии онҳо бо сертификати муқарраршуда тасдиқ гардидаанд;

- муқаррар кардан ва ҳар 5 сол аз нав баррасӣ намудани талаботи меъёрӣ нисбат ба обҳои партов ва мутобиқати онҳо ба дастовардҳои муосири илмӣ;

- муқаррар кардани минтақаҳои санитарию муҳофизатии шабакаҳои рафъи обҳои партов;

- таҳия ва татбиқи нақшаҳои таъмини бехатарии обҳои партов бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва мақоми ваколатдори назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;

- вобаста аз шароити маҳал коркард ва татбиқи барномаҳои кории истифодабарӣ ва истеҳсолии назорати сифат ва бехатарии обҳои партови шабакаҳои рафъи обҳои партов;

- ҳангоми таҳдиди хатар ба саломатии одамон вобаста ба бад шудани сифати обҳои партов муқаррар намудани чораҳои қатъии назорати даврии сифат ва бехатарии обҳои партов аз ҷониби мақоми ваколатдори назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ.

**Моддаи 20. Ҳифзи манбаъҳо ва шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ**

1. Ҳифзи манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ аз ифлосшавӣ, хушкшавӣ, камобшавӣ, ҳифзи шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ аз осебу вайроншавӣ, пайвастшавии худсарона шарти ҳатмии таъмини бехатарӣ ва безарарии оби нӯшокӣ буда, бо иҷрои талаботи техникӣ, истифодабарӣ, санитарӣ, экологӣ ва тадбирҳои пешгирӣ аз ифлосшавӣ, хушкшавӣ ва камобшавии иншооти обии рӯизаминӣ ва зеризаминӣ, муқаррар намудани минтақаҳои санитарию муҳофизатии манбаъҳо ва шабакаҳои

таъмини оби нӯшокӣ (ғайр аз шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ дар воситаҳои нақлиёт), риояи низоми барои минтақаҳои мазкур муқарраргардида, инчунин муқаррар намудани чораҳои таъсиррасонӣ барои амали барқасдона, ки ба ифлосшавии манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ ва зарар ба шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ оварда мерасонанд, амалӣ мегардад.

2. Минтақаҳои санитарию муҳофизатӣ барои ҳамаи манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ, инчунин барои шабакаҳои мутамарказ, ғайримутамарказ ва мухтори таъмини оби нӯшокӣ, новобаста аз шаклҳои моликият, мутобиқи меъёру қоидаҳои санитарӣ, сохтмонӣ бо мақсади пешгирӣ намудан аз ифлосшавии тасодуфӣ ва барқасдонаи об муқаррар карда мешаванд.
3. Дар ҳудудҳои якум ва дуюми минтақаҳои санитарию муҳофизатии манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ партофтани обҳои партов ва сохтмони иншооте, ки ба шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ алоқамандӣ надоранд, манъ аст.
4. Дар ҳудуди сеюми минтақаҳои санитарию муҳофизатӣ партофтани обҳои партови шаҳрҳо, корхонаҳои саноатӣ, хоҷагиҳои кишоварзӣ, ки дар таркибашон моддаҳои ифлоскунанда ва унсурҳои биологии аз меъёрҳои дар ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанда муқарраршуда зиёд доранд, инчунин сохтмони иншоот, ки чунин обҳои партов доранд, манъ аст.
5. Ташкили минтақаҳои санитарию муҳофизатӣ, тартиби лоиҳакашии онҳо, истифода ва муқаррар намудани андоза ва меъёрҳои ба онҳо мувофиқи ҳифзи об, муайян намудани маҷмӯи тадбирҳои ҳифзи санитарӣ, аз ҷумла номгӯи намудҳои фаъолияти манъгардида ва маҳдудшаванда мутобиқи талаботи қоидаву меъёрҳои санитарӣ анҷом дода мешавад.
6. Иҷрои маҷмӯи чорабиниҳои санитарию муҳофизатӣ ва экологӣ ба субъектони зерин вогузор карда мешавад:

- ташкилотҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

- шахсоне, ки дар ҳудуди ин иншоотҳо фаъолияти хоҷагидориро анҷом медиҳанд.

7. Назорати иҷрои маҷмӯи чорабиниҳо ва риояи талаботи минтақаҳои санитарию муҳофизатӣ ба зиммаи мақоми ваколатдори назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист вогузор карда мешавад.
8. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ метавонанд барои пешгирӣ намудани қасдан ифлос намудан ва осеб расонидан ба манбаъ ва шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ чораҳои иловагӣ андешанд.

**Моддаи 21. Ҳифзи шабакаҳои рафъи обҳои партов**

1. Ҳифзи шабакаҳои рафъи обҳои партов аз осебу харобшавӣ шарти ҳатмии таъмини фаъолияти устувор ва бехатарии онҳо ба ҳисоб рафта, бо анҷом додани иҷрои талаботи техникӣ, иттилоотӣ, санитарӣ, экологӣ ва чораҳои пешгирии ифлосшавии иншоотҳои об ва дар маҷмӯъ, муҳити зист аз обҳои партов, инчунин муқаррар намудани минтақаҳои санитарию муҳофизатӣ (ғайр аз шабакаҳои рафъи обҳои партов дар нақлиёт), риояи реҷаи муқарраршуда амалӣ карда мешавад.
2. Шабакаҳои рафъи обҳои партов, новобаста аз шаклҳои моликият ва заминҳои ба онҳо вобаста, бояд танҳо бо мақсадҳое, ки барои онҳо пешбинӣ гардидаанд, истифода бурда шаванд.

3. Минтақаҳои санитарию муҳофизатии шабакаҳои рафъи обҳои партов, новобаста аз шакли моликият, бо мақсади пешгирии харобшавии тасодуфӣ ва барқасдонаи онҳо ва ифлосшавии муҳит муқаррар карда мешаванд.
4. Ташкили минтақаҳои санитарию муҳофизатӣ, тартиби муқаррар намудани андозаи онҳо, лоиҳакашӣ, истифода ва меъёрҳои ба онҳо мувофиқи ҳифзи муҳити зист, муайянсозии маҷмӯи чораҳои ҳифзи санитарӣ, аз ҷумла номгӯи намудҳои фаъолияти манъгардида ва маҳдудшаванда дар онҳо, мутобиқ ба талаботи меъёр ва қоидаҳои санитарӣ амалӣ карда мешаванд.
5. Иҷрои маҷмӯи чорабиниҳои ҳифзи санитарӣ ва экологӣ ба субъектони зерин вогузор карда мешавад:

- ташкилотҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

- шахсоне, ки дар ҳудуди ин минтақаҳо фаъолияти хоҷагидорӣ анҷом медиҳанд.

6. Назорати иҷрои маҷмӯи чорабиниҳо ва риояи талаботи минтақаҳои санитарию муҳофизатии шабакаҳои рафъи обҳои партов ба зиммаи мақоми ваколатдори назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист вогузор карда мешавад.
7. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳангоми зарурат метавонанд чораҳои иловагӣ андешанд.

**Моддаи 22. Кафолати таъмини оби нӯшокӣ дар ҳолатҳои фавқулода**

1. Таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ дар ҳолатҳои фавқулода (ҳангоми садамаҳо, фалокатҳо, офатҳои табиии фалокатбор, ки дар натиҷаи онҳо манбаъҳои об ифлос мешаванд, шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ осеб мебинанд ва истеъмолкунандагони ин маҳал зиёда аз як шабонарӯз бе об мемонанд) аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ зери роҳбарии комиссия оид ба ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи граждани, инчунин мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот амалӣ мегардад.
2. Ҳолатҳои фавқулода дар самти таъмини оби нӯшокӣ аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ якҷоя бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист пешгӯӣ гардида, барои таъмини истеъмолкунандагон бо оби нӯшокӣ, рафъи обҳои партов ва бартараф намудани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода чораҳо андешида мешаванд.

**Моддаи 23. Иттилоот оид ба масъалаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов**

1. Иттилоот оид ба масъалаҳои оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов ба дархосткунанда ройгон дода мешавад. Иттилоот оид ба сифат ва бехатарии оби нӯшокӣ ба истеъмолкунандагон тариқи воситаҳои ахбори омма пешниҳод карда мешавад.
2. Дар ҳолатҳои ошкор гардидани номутобиқатии сифат ва бехатарии оби нӯшокӣ ва обҳои партов ба талаботи меъёрии муқарраршуда, ки метавонад ба саломатии одамон таҳдид намояд, моликони шабакаҳо ва ташкилотҳои таъмини оби нӯшокӣ, мақомоти назораткунандаи мутобиқатии сифат ва бехатарии оби нӯшокӣ ва обҳои партов ба талаботи меъёрӣ уҳдадоранд, истеъмолкунандагони оби нӯшокиро дар бораи муҳлати барҳам додани ин номутобиқатӣ, инчунин чораҳои эҳтиётӣ (чораҳои иловагии коркарди об) ва ё аз маҳалу вақти додани оби нӯшокии ҷавобгӯ ба талаботи меъёрӣ бетаъхир хабардор намоянд.

3. Иттилоъ оид ба таваққуфҳои эҳтимолӣ дар таъмини оби нӯшокӣ аз ҷониби ташкилот ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов ба истеъмолкунандагон бо тартиби ҳатмӣ, пешакӣ, расмӣ тавассути воситаҳои ахбори омма ё воситаҳои дигари дастрасии иттилоот расонида мешавад.
4. Ташкил ва назорати таъмини истеъмолкунандагон бо иттилооти саривақтӣ оид ба сифат ва бехатарии оби нӯшокӣ, ғайриимкон будани таъмини доимии он, инчунин вобаста ба масъалаҳои дигари таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов ба зиммаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гузошта мешавад.

## БОБИ 6. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲО ДАР САМТИ ТАЪМИНИ ОБИ НӮШОКӢ ВА РАФЪИ ОБҲОИ ПАРТОВ

### Моддаи 24. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои моликони шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва ташкилотҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов

1. Моликони шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов ва ташкилотҳое, ки чунин шабакаҳоро истифода мебаранд, ҳуқуқ доранд:

- мутобиқи шартномаи дуҷониба аз истеъмолкунандагони оби нӯшокӣ ва истифодабарандагони шабакаҳои рафъи обҳои партов барои хизматрасонии оби воқеан додашуда ва рафъи обҳои партов пардохти маблағро талаб намоянд;

- барои ҷуброни зарар ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки сабаби ифлосшавӣ ва (ё) камобшавии манбаъҳои об гаштаанд, инчунин ба шабакаҳои таъмини об ва рафъи обҳои партов осеб расонидаанд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд аризаи даъвогӣ пешниҳод намоянд.

2. Моликони шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов ва ташкилотҳое, ки чунин шабакаҳоро истифода мебаранд, уҳдадоранд:

- нақшаҳои таъмини оби нӯшокии бехатар ва рафъи обҳои партовро тибқи тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов таҳия ва амалӣ намоянд;

- шартҳои технологии ҷавобгӯ ба талаботи меъёрҳои оби нӯшокӣ ва обҳои партовро риоя намоянд;

- меъёрҳои мунтазами додани оби нӯшокии босифат ва бехатарро дар навбати аввал барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аҳолӣ, инчунин корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва муассисаҳои тиббӣ таъмин кунанд;

- ҳангоми зарурат додани оби нӯшокиро мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фосила ба роҳ монанд, маҳдуд созанд, боз доранд ва ё қатъ намоянд;

- таҷҳизот, мавод ва моддаҳои кимиёвии барои фаъолияти обтаъминкунӣ ва рафъи обҳои партов иҷозатдодашударо, ки дорои сертификати мутобиқат ба талаботи муқарраргардида мебошанд, истифода баранд;

- пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намоянд;

- оби нӯшокии истифодашуда ва рафъи обҳои партовро ба ҳисоб гиранд, махзани маълумот ва системаи иттилоотӣ таъсис диҳанд ва маълумоти дахлдорро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба махзани иттилоотӣ ва системаи миллии иттилоотии захираҳои об ройгон пешниҳод намоянд;

- ба истифодаи оби нӯшокӣ дар истеҳсолоти корхонаҳое, ки ҷараёни технологиашон истифодаи оби нӯшокиро талаб намекунад, дар ҳолатҳое, ки ин метавонад ба таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ бевосита таъсир расонад, роҳ надиҳанд;

- назорати идоравии сифат ва бехатарии оби нӯшокиро мутобиқ ва дар асоси усулҳои санҷидашудаи озмоишгоҳӣ ва ё стандартишуда ташкил намоянд ва истеъмолкунандагонро аз паст шудани сифати оби нӯшокӣ сари вақт огоҳ кунанд;

- мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов ва мақоми ваколатдори назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро аз сар задани фалокат ва ҳолатҳои дигари фавқулодае, ки ба вазъи манбаъҳо ва шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов таъсир мерасонанд, инчунин ба талаботи меъёру қоидаҳои санитарии амалкунанда мувофиқат накардани сифат ва бехатарии оби нӯшокӣ сари вақт огоҳ намоянд;

- барои санҷиши иншооти обтаъминкунӣ ва рафъи обҳои партов аз ҷониби намояндагони мақоми ваколатдори назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, танзими истифодаи захираҳои об, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, инчунин мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов монеъ нашаванд;

- қоидаҳои хоҷагидорӣ ва фаъолияти дигарро, ки барои минтақаҳои санитарию муҳофизатии манбаъҳо ва шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ, инчунин минтақаҳои санитарию муҳофизатии шабакаҳои рафъи обҳои партов муқаррар гардидаанд, риоя намоянд;

- ба вайрон намудани ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони дигари оби нӯшокӣ ва расонидани зарар ба муҳити зист роҳ надиҳанд;

- таъмири ҷорӣ ва асосии шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партовро сари вақт анҷом диҳанд;

- манбаъҳои таъмини оби нӯшокиро аз ифлосшавӣ, хушкшавию камобшавӣ ва шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партовро аз осеб дидан муҳофизат намоянд;

- таҷҳизот ва асбобҳои ченкунии оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партовро насб ва хизматрасонии онҳоро таъмин намоянд.

3. Ҷавобгарии моликони шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов, ки ҳуқуқи идора кардани ин шабакаҳоро ба ташкилотҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов вогузор намудаанд, дар асоси шартномаҳои тарафайн бо риояи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 25. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои истеъмолкунандагони оби нӯшокӣ ва истифодабарандагони шабакаҳои рафъи обҳои партов**

1. Истеъмолкунандагони оби нӯшокӣ ва истифодабарандагони шабакаҳои рафъи обҳои партов ҳуқуқ доранд:

- аз шабакаҳои мутамарказ, ғайримутамарказ ва мухтори таъмини оби нӯшокӣ мувофиқи меъёрҳои сифат, бехатарӣ ва истеъмолӣ бо оби нӯшокӣ таъмин бошанд;

- назорати сифат ва бехатарии оби нӯшокии ба шабакаҳои мутамарказ, ғайримутамарказ ва мухтор расонидашаванда ва обҳои партови ба шабакаҳои рафъи обҳои партов партофташавандаро талаб намоянд;

- тибқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сифат ва бехатарии оби нӯшокӣ ва обҳои партов ва эҳтимолияти таваққуф дар таъмини оби нӯшокӣ сари вақт ва пурра иттилоот гиранд;

- бо тартиби муқарраргардида барои гузаронидани экспертизаи санитарию эпидемиологӣ ва ҷамъиятии экологӣ бо ташаббус муроҷиат ва натиҷаи онро ба мақомоти дахлдори давлатӣ пешниҳод намоянд;

- мониторинги ҷамъиятӣ гузаронанд;

- ҷуброни зарареро, ки дар натиҷаи таъмини оби нӯшокии ба талаботи меъёрҳо номутобиқ ва аз кори ғайриқаноатбахши шабакаҳои обҳои партов ба онҳо расонида шудааст, талаб намоянд.

2. Шахсони воқеӣ ҳуқуқ доранд, ки дар навбати аввал аз шабакаҳои мутамарказ, ғайримутамарказ ва мухтори таъмини оби нӯшокӣ мувофиқи меъёрҳои сифат, бехатарӣ ва истеъмолӣ бо оби нӯшокӣ таъмин карда шаванд.
3. Истеъмолкунандагони оби нӯшокӣ ва истифодабарандагони шабакаҳои рафъи обҳои партов ухдадоранд:

- талаботи меъёриро нисбат ба сифат ва бехатарии оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов, инчунин дигар талаботи муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намоянд;

- ба ифлосшавӣ, олудашавӣ ва камобшавии манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ, инчунин осеб дидани шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов роҳ надиҳанд;

- оби нӯшокиро барои эҳтиёҷоти маишӣ ва истеҳсолӣ самаранок ва оқилона истифода баранд;

- ҳаққи хизматрасонии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партовро мувофиқи тарифҳои муқарраргардида сари вақт пардохт намоянд;

- нигоҳдорӣ ва истифодаи дурусти шабакаҳоро таъмин намоянд;

- сари вақт мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақоми ваколатдори назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партовро аз ҳолати ғайриқаноатбахши шабакаҳо, инчунин амалҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки метавонанд ба ифлосшавӣ ва (ё) олудашавии манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ, шикастан ва вайрон шудани шабакаи таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов оварда мерасонад, хабардор кунанд.

## БОБИ 7. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

**Моддаи 26. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур**

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

**Моддаи 27. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи оби нӯшокӣ ва таъмини он»**

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2010 «Дар бораи оби нӯшокӣ ва таъмини он» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2010, № 12, қ. 1, мод. 829; с. 2018, № 1, мод.15) аз эътибор соқит дониста шавад.

**Моддаи 28. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур**

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН

ш. Душанбе,

19 июли соли 2019,

№ 1633

## ҚОНУНИ

## ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ДАР БОРАИ ТАЪМИНИ ОБИ НӮШОКӢ ВА РАФЪИ ОБҲОИ ПАРТОВ

Қонуни мазкур асосҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов, кафолатҳои давлатии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов, инчунин сифат ва бехатарии онҳоро муқаррар мекунад.

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

**Моддаи 1. Мафҳумҳои асосӣ**

Дар Қонуни мазкур мафҳумҳои асосии зерин истифода мешаванд:

- **оби нӯшокӣ** – обе, ки аз ҷиҳати сифат ва бехатарӣ дар ҳолати табиӣ ё баъди коркард (тозагардонӣ, безараргардонӣ, илова намудани моддаҳои кимиёвӣ) ба талаботи меъёрии муқарраршуда ҷавобгӯ буда, барои нӯшидан, тайёр намудани хӯрок, эҳтиёҷоти дигари хоҷагидорию маишии аҳолӣ ва истеҳсоли маҳсулоти хӯрокворӣ истифода мешавад;

- **талаботи меъёрӣ нисбат ба сифат ва бехатарии оби нӯшокӣ** – маҷмӯи нишондиҳандаҳои кимиёвию микробиологӣ ва хусусиятҳои органолептикии оби нӯшокӣ (мазза, ранг, бӯй, ҳарорат), ки бо усулҳои илмию таҳқиқотӣ ва қоидаҳои санитарӣ муқаррар гардида, бехатарӣ ва безарарии онро барои саломатии аҳолӣ кафолат медиҳад;

- **таъмини оби нӯшокӣ** – фаъолияте, ки барои таъмини талаботи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба оби нӯшокӣ равона карда шудааст;

- **манбаи таъмини оби нӯшокӣ** – обҳои табиӣ (рӯизаминӣ ва зеризаминӣ), ки баъди коркарди мувофиқ ва ё бе коркард барои таъмини оби нӯшокӣ истифода мешаванд;

- **шабакаи мутамаркази таъмини оби нӯшокӣ (шабакаи оби нӯшокии истифодаи умум)** – маҷмӯи таҷҳизот, иншооти гидротехникӣ ва дигар таъйиноти хоҷагии об барои гирифтан, коркард, нигоҳ доштан ва ба маҳалли истеъмол расонидани оби нӯшокӣ, ки барои истифодаи оммавии шахсони воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ дастрас мебошад;

- **шабакаи ғайримутамаркази таъмини оби нӯшокии истифодаи умум** – таҷҳизоти гидротехникӣ ва иншооти дигари таъйиноти хоҷагии об барои гирифтан ва коркарди (ё бе коркарди) оби нӯшокӣ, бе расонидани он ба маҳалли истеъмол, ки барои истифодаи оммавии шахсони воқеӣ ва (ё) ҳуқуқӣ дастрас мебошанд;

- **шабакаҳои мухтори таъмини оби нӯшокӣ** – таҷҳизоти иншооти гидротехникӣ ва дигар иншооти таъйиноти хоҷагии об барои гирифтани оби нӯшокӣ ва расонидани (ё нарасонидани) он ба ҷойҳои истеъмолшавӣ, ки дар истифодаи фардӣ қарор доранд (бинои алоҳида, хоҷагии фермерӣ, бӯстонсарой ё иншооти алоҳидаи дигар);

- **шабакаи таъмини оби нӯшокӣ дар воситаҳои нақлиёт –** таҷҳизоту дастгоҳҳое, ки дар воситаҳои нақлиёт барои бо оби нӯшокӣ таъмин намудани мусофирон, ҳайати идоракунандаи нақлиёт ва хизматрасон дар самти ҳаракати воситаҳои нақлиёти мусофиркаш ё таъйиноти дигар ҷойгир карда шудаанд;

- **шабакаи таъмини оби нӯшокӣ** – ҳама намуди шабакаҳо (мутамарказ, ғайримутамарказ, мухтор ва шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ дар воситаҳои нақлиёт) ҳангоми мавҷуд будани меъёрҳои умумии мутобиқ барои қонеъ гардонидани талаботи физиологии инсон ба оби нӯшокӣ ва эҳтиёҷоти хоҷагидорию маишӣ;

- **рафъи обҳои партов** – қабул, интиқол ва тозакунии обҳои партов бо истифодаи шабакаи рафъи обҳои партов;

- **шабакаҳои рафъи обҳои партов** – маҷмӯи иншоотҳои бо ҳам алоқаманди муҳандисӣ, гидротехникӣ ва иншооти дигаре, ки барои қабул, интиқол, тозакунӣ ва безараргардонии обҳои партов ва такшини онҳо то сатҳи талаботи муқарраршуда пеш аз нобудкунӣ ва ё партофтани онҳо ба иншоотҳои обӣ, дигар қабулгоҳи обҳои партов таъйин гардидаанд;

- **обҳои партов** – обҳое, ки мувофиқи тартиби муайянкардашуда баъди истифода ба иншооти обӣ партофта мешаванд ё аз минтақаҳои олудашуда дохил мешаванд;

**- таркиб ва хусусияти обҳои партов** – маҷмӯи нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи хусусиятҳои табиӣ, кимиёвӣ, бактериологӣ ва дигари обҳои партов, аз ҷумла ғализияти ҷузъҳои ифлоскунанда ва микроорганизмҳо дар обҳои партов;

**- эътимоднокии шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ** – хусусияти шабака, ки реҷаи муайяни интиқоли оби нӯшокиро ба истеъмолкунандагон тибқи талаботи меъёрӣ нисбат ба сифат ва бехатарии оби нӯшокӣ таъмин менамояд;

**- эътимоднокии шабакаҳои рафъи обҳои партов** – хусусияти шабака, ки қабул, интиқол ва тозакунии мунтазами обҳои партовро мувофиқи меъёрҳои муқарраргардидаи сифат ва бехатарӣ таъмин менамояд;

**- минтақаҳои санитарию муҳофизатии манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ ва шабакаҳои он** – ҳудудҳо ва марзобҳое, ки дар онҳо низоми махсуси хоҷагидорӣ ва фаъолияти дигар барои пешгирӣ аз ифлосшавии об бо мақсади таъмини сифат, бехатарии обҳо ва ҳифзи он муқаррар гардидааст;

**- минтақаҳои санитарию муҳофизатии шабакаҳои рафъи обҳои партов** – ҳудуди пешбинишуда ва ҳифзгардида барои ҳифзи иншооти рафъи обҳои партов ва аз таъсири номусоиди беруна ва ҳифзи муҳити атроф, ки ҳудуди он бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад;

**- меъёри истеъмоли оби нӯшокӣ** – миқдори зарурии оби нӯшокӣ барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти физиологӣ ва маишии як одам дар давоми як шабонарӯз дар маҳалли мушаххас, иншооти алоҳида ё воситаи нақлиёт ҳангоми фаъолияти муътадили шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ, халалдор гардидани фаъолияти муътадили онҳо ва дар ҳолатҳои фавқулода;

**- ташкилоти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов** – шахсони ҳуқуқие, ки ҳуқуқи истифодабарӣ, пешбурди хоҷагидорӣ ва идоракунии оперативии шабакаҳои мутамарказ, ғайримутамарказ ва мухтори таъмини оби нӯшокӣ ва мувофиқан шабакаҳои рафъи обҳои партовро амалӣ менамоянд;

**- истеъмолкунандагони оби нӯшокӣ** – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки оби нӯшокиро барои талаботи шахсиашон истифода менамоянд;

**- муштарӣ –** шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки барои таъмини оби нӯшокӣ ва ё рафъи обҳои партов шартнома бастаанд ва ё  уҳдадоранд шартнома банданд;

**- истифодабарандагони шабакаҳои рафъи обҳои партов** – шахсони воқеӣ ва ҳуқуқие, ки шабакаҳои рафъи обҳои партовро барои партофтани оби партов истифода мебаранд;

**- реагентҳо** – моддаҳои кимиёвие, ки барои тоза ва безараргардонии оби нӯшокӣ ва обҳои партов аз ҷониби ташкилоти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов истифода бурда мешаванд.

**Моддаи 2. Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов**

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи оби нӯшокӣ, таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон асос ёфта, аз Қонуни

мазкур, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф намудааст, иборат мебошад.

**Моддаи 3. Вазифаҳои Қонуни мазкур**

Вазифаҳои Қонуни мазкур аз инҳо иборатанд:

- муқаррар намудани кафолатҳои ҳуқуқӣ ва қонеъ гардонидани талаботи шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ ба оби нӯшокӣ;

- муқаррар намудани асосҳои хоҷагию иқтисодии таъмини оби нӯшокӣ;

- муқаррар намудани кафолатҳои давлатии эътимоднокии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов, инчунин асосҳои ба ҷавобгарӣ кашидан барои вайрон кардани қоидаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов.

**Моддаи 4. Принсипҳои сиёсати давлатӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов**

Принсипҳои сиёсати давлатӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов аз инҳо иборатанд:

- ҳуқуқи инсон ба оби бехатар ва санитария;

- гуногунии шаклҳои моликият ва идоракунӣ, аз ҷумла шарикии давлат ва бахши хусусӣ;

- ғайриинҳисорӣ ва ғайримутамарказонии низоми идоракунӣ;

- баҳисобгирии хусусиятҳои татбиқи таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партови шаҳр ва деҳот;

- ягонагии хоҷагидории ҳар як шабакаи таъмини оби нӯшокӣ ва шабакаи рафъи обҳои партови ба он алоқаманд;

- аҳамияти ҳаётан муҳим доштани шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- назорати давлатӣ ва танзими давлатии масъалаҳои таъмини оби нӯшокӣ дар таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- музднокии хизматрасонии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов.

## БОБИ 2. ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ ДАР САМТИ ТАЪМИНИ ОБИ НӮШОКӢ ВА РАФЪИ ОБҲОИ ПАРТОВ

**Моддаи 5. Салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов**

Ба салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов дохил мешавад:

- таҳия ва татбиқ намудани сиёсати давлатӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- тасдиқи (қабули) санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- тасдиқ намудани барномаҳои давлатии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- тасдиқи тартиби қабул ва супоридани фондҳои асосии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов, новобаста аз шакли моликият ва идоракунӣ;

- танзими масъалаҳои рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- татбиқ намудани сиёсати нархгузорӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- муайян кардани тартиби баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- муайян намудани тартиби таъсис ва истифодабарии захираҳои молиявӣ ва моддию техникӣ барои барқарорсозии шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов, ки зери таъсири манфии ҳолатҳои фавқулода қарор гирифтаанд;

- муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов ва вазифаҳои он;

- ба роҳ мондани ҳамкориҳои байналмилалӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- амалӣ намудани салоҳияти дигар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 6. Ваколати мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов**

Ба ваколати мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов дохил мешавад:

- ташкили меъёргузорӣ, баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ дар таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- амалӣ намудани сиёсати давлатӣ оид ба таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов мувофиқи меъёрҳои амалкунандаи миқдор, сифат ва бехатарӣ;

- ҳамоҳангсозии таҳқиқотҳои илмӣ ва ҷорӣ намудани дастовардҳои нав дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов, истеҳсоли маводи зарурӣ ва моддаҳои кимиёӣ барои тоза ва безараргардонии оби нӯшокӣ ва обҳои партов ва ташкили маблағгузории онҳо;

- тасдиқи барномаҳои мақсадноки минтақавӣ ва нақшаи чорабиниҳо оид ба ташкил, нигоҳдорӣ ва рушди шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- муайян намудани чораҳо оид ба муҳофизати манбаъҳо ва шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- якҷоя бо мақоми ваколатдори назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ташкил намудани санҷишҳои техникӣ ва аудити технологии шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- ташкили таълим, бозомӯзӣ ва такмили ихтисоси кадрҳо дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- таҳия ва ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати қабул (тасдиқ) пешниҳод намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти таъмини об нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- муқаррар намудани тариф барои хизматрасонии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- амалӣ намудани ваколатҳои дигар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 7. Ваколати мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов**

Ба ваколати мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов дохил мешавад:

- тасдиқи барномаҳои маҳаллӣ ва нақшаи чорабиниҳо оид ба ташкил, нигоҳдошт ва рушди шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- андешидани чораҳо ҷиҳати таъмини иҷрои барномаҳои давлатӣ ва минтақавие, ки барои беҳтар намудани таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов амалӣ гардонида мешаванд;

- андешидани чораҳо ҷиҳати таъмини меъёрҳои сифат ва бехатарии обҳои партов, инчунин оби нӯшокӣ ва истифодаи самарабахши он, ҳифзи манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ аз ифлосшавӣ, олудашавӣ ва камобшавӣ;

- ташкили корҳо оид ба таъмини шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов мувофиқи меъёрҳои муқаррааргардида;

- ташкили корҳо ҷиҳати ба таври ҳатмӣ ҷорӣ намудани насби иншооти инфиродӣ ва ҷамъиятии хурди замонавии тозакунандаи обҳои партов ва нобудгардонии партовҳои наҷосатнок дар деҳот;

- мусоидат ба рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- амалӣ намудани ваколатҳои дигар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

**Моддаи 8. Ваколати мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов**

Ба ваколати мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов дохил мешавад:

- мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил намудани таъмини истеъмолкунандагон бо оби нӯшокӣ ба миқдори зарурӣ ва сифату бехатарӣ, ҳамчунин рафъи обҳои партов;

- таҳияи пешниҳодҳо ба барномаҳо ва нақшаи чорабиниҳои маҳаллӣ оид ба рушди шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- гузаронидани чорабиниҳо оид ба ташкили минтақаҳои санитарию муҳофизатии манбаъҳо ва шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов, инчунин истифодаи оқилона ва ташкили мониторинги сифат ва бехатарии оби нӯшокӣ ва обҳои партов;

- мусоидат дар ташкили маблағгузорӣ, таъминоти моддию техникии корҳо оид ба таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- дар асоси хулосаи мақоми ваколатдори назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ қабули қарор дар бораи манъ ё маҳдуд намудани истифодаи оби нӯшокӣ дар ҳолати ҷавобгӯ набудани он ба талаботи меъёру қоидаҳои санитарӣ;

- пешгирии ҳолатҳои вайронкунии низоми истифодаи минтақаҳои санитарию муҳофизатии манбаъҳо ва шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- мусоидат ба аҳолӣ ҷиҳати риояи талаботе, ки нисбати таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов дар ҳолатҳои фавқулода пешбинӣ шудаанд;

- таъмини истеъмолкунандагони оби нӯшокӣ бо иттилооти зарурӣ оид ба сифат ва бехатарии оби нӯшокӣ, меъёрҳои харҷ ва усулҳои сарфаи он, тартиби пардохти ҳаққи хизматрасонии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- амалӣ намудани ваколатҳои дигар тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон.

## БОБИ 3. НАМУДҲОИ ШАБАКАҲОИ ТАЪМИНИ ОБИ НӮШОКӢ ВА РАФЪИ ОБҲОИ ПАРТОВ

### Моддаи 9. Намудҳои шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов

1. Шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ метавонанд моликияти давлатӣ (ҷумҳуриявӣ ва коммуналӣ), инчунин моликияти шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бошанд.
2. Гузаштани ҳуқуқи моликият ё тағйирдиҳии шакли моликият, пешниҳоди ҳуқуқи истифодабарии шабакаҳои давлатии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов ба муҳлати муайян ва (ё) бе муқаррар намудани муҳлат дар ҳар шакле, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, бо шарти халалдор нагардидани фаъолияти ин шабакаҳо роҳ дода мешавад.
3. Соҳибмулкони шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов метавонанд, дар ҳар шакле, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст, ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, иттиҳодияҳои истифодабарандагони об, ки хизматрасонии ин шабакаҳоро амалӣ менамоянд, ҳуқуқи истифодабарии шабакаҳоро пешниҳод намоянд.
4. Ҳангоми халалдор гардидани фаъолият ва риоя накардани шартҳои техникии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов, ки ба саломатии аҳолӣ хатар доранд, шабакаҳои ғайридавлатии мутамарказ, ғайримутамарказ ва мухтори таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов ба моликияти давлатӣ бо тартиби муайянгардидаи

Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон гирифта шуда, барои ташкили беҳтари истифодабарӣ ба ташкилоти дигар тибқи тартиби муайянкардаи Қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон супорида мешаванд.

5. Ҳуқуқи истифодабарӣ, пешбурди хоҷагидорӣ ва идоракунии оперативии шабакаҳои давлатии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов дар ҳолатҳои зерин қатъ карда мешавад:

- халалдоргардии бисёркаратаи фаъолияти ин шабакаҳо;

- мунтазам таъмин нагардидани меъёрҳои сифат ва бехатарии оби нӯшокӣ, инчунин партофтани обҳои партов ба муҳити табиӣ.

6. Қарор оид ба қатъи хуқуқи истифодабарӣ, пешбурди хоҷагидорӣ ва идоракунии оперативии шабакаҳои давлатии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ,  мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот вобаста ба ваколати онҳо қабул карда мешавад.
7. Қарор оид ба қатъ намудани ҳуқуқи моликият ва истифодабарии шабакаҳои ғайридавлатии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон бо тартиби судӣ амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 10. Шабакаҳои мутамаркази таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов**

1. Шабакаҳои мутамаркази таъмини оби нӯшокӣ асоси таъмини муттасили истеъмолкунандагон бо оби нӯшокӣ буда, иншооти ҳаётан муҳим дониста мешаванд.
2. Номгӯи таҷҳизот, мавод ва реагентҳо барои дастрасии оби нӯшокӣ, ки барои фаъолияти ташкилоти аз шабакаи мутамаркази обтаъминкунии шаҳрҳо ва минтақаҳои дигари аҳолинишин истифодабаранда заруранд, ба номгӯи маҳсулоти зарурии эҳтиёҷоти давлатӣ дохил карда мешавад.
3. Идоракунии шабакаҳои мутамаркази таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партовро соҳибмулкони он метавонанд мустақилона амалӣ гардонанд ва ё ҳуқуқи истифодабариро ба шахсони дигари ҳуқуқӣ диҳанд.

**Моддаи 11. Шабакаҳои ғайримутамарказ ва мухтори таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов**

1. Шабакаҳои ғайримутамарказ ва мухтори таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов барои бо оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов таъмин намудани истеъмолкунандагон ҳангоми набудани шабакаҳои мутамаркази таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов ташкил карда мешаванд.
2. Талабот ба интихоби манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ барои шабакаҳои ғайримутамарказ ва мухтори обтаъминкунӣ ва ҷойгиркунии шабакаҳои рафъи обҳои партови ба онҳо мутобиқ ва тозакунии обҳои партов тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.
3. Идоракунии шабакаҳои ғайримутамарказ ва мухтори таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партовро молики ин шабакаҳо метавонад мустақилона амалӣ гардонад, ё ин ки ҳуқуқи идоракуниро ба шахсони дигари воқеӣ ва ҳуқуқӣ пешниҳод намояд.

**Моддаи 12. Шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов дар воситаҳои нақлиёт**

1. Шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов дар воситаҳои нақлиёт ҷузъи таркибии ин воситаҳо мебошанд. Фаъолияти муътадили шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов дар воситаҳои нақлиёт, мутобиқати сифат ва бехатарии оби нӯшокӣ ва обҳои партов дар ин шабакаҳоро соҳибони воситаҳои нақлиёт тибқи талаботи меъёрӣ таъмин менамоянд.
2. Рафъи обҳои партов дар воситаҳои нақлиёт, инчунин бартарафсозии обҳои партов мутобиқи талаботи меъёр ва қоидаҳои санитарӣ амалӣ гардонида мешавад.
3. Назорати таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов дар воситаҳои нақлиёт аз ҷониби мақоми ваколатдори назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ амалӣ гардонида мешавад.

## БОБИ 4. ТАНЗИМИ ДАВЛАТӢ, МАБЛАҒГУЗОРӢ ВА ТАРИФИ ТАЪМИНИ ОБИ НӮШОКӢ ВА РАФЪИ ОБҲОИ ПАРТОВ

**Моддаи 13. Танзими давлатии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов**

1. Рушди таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов тавассути амалигардонии барномаҳои ҷумҳуриявӣ ва минтақавии таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов сурат мегирад. Таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов ба нақшаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии воҳидҳои маъмурию ҳудудӣ дохил карда мешаванд.
2. Лоиҳакашӣ, сохтмон ва азнавсозии шабакаҳои мутамарказ, ғайримутамарказ ва мухтори таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов мутобиқи нишондиҳандаҳои баҳисобгирифташудаи нақшаҳои генералии рушди ҳудудҳо, меъёру қоидаҳои сохтмонӣ, стандартҳои давлатӣ, меъёру қоидаҳои санитарӣ ва талаботи экологӣ тибқи тартиби муқарраргардидаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ мегардад. Ҳангоми ба нақша гирифтани чунин лоиҳаҳо талаботи эътимоднокии истифодабарии шабакаҳои мазкур ҳангоми ба онҳо таъсир расонидани омилҳои хусусияти табиӣ ва техногенидошта ба назар гирифта мешавад.
3. Корҳои лоиҳакашӣ, сохтмон ва истифодабарии шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби ташкилотҳои лоиҳакашӣ-кофтуковӣ, сохтмонӣ ва истифодабарӣ, ки дорои иҷозатномаи дахлдор бо ҳуқуқи машғул шудан ба чунин намуди фаъолият мебошанд, анҷом дода мешаванд.
4. Ҷойгиркунонӣ ва кофтани чоҳҳо бо мақсади таъмини оби нӯшокӣ бе расонидани зарар ба обнокии мавҷудаи кони оби зеризаминӣ мутобиқи тартибе, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар кардааст, сурат мегирад.
5. Масъалаҳои рушди таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов дар нақшаҳои ҳавзавӣ оид ба идоракунии захираҳои обӣ аҳамияти афзалиятнок доранд.

**Моддаи 14. Назорати давлатӣ ва баҳисобгирӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов**

1. Назорати давлатиро дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов мақоми ваколатдори назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист таъмин менамоянд.
2. Баҳисобгирии манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ ва ҷои партофтани обҳои партовро мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи танзими истифодаи захираҳои об бо иштироки мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист (обҳои

рӯизаминӣ), мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи истифодаи қаъри замин (обҳои зеризаминӣ) ва мақоми ваколатдори назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ таъмин менамояд.

3. Муайян намудани сифату бехатарии оби нӯшокӣ ва назорати мувофиқати он ба меъёрҳои муқарраршуда аз ҷониби мақоми ваколатдори назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ амалӣ мегардад.
4. Баҳисобгирӣ ва ҳисоботдиҳӣ оид ба оби аз шабакаҳои мутамарказ, ғайримутамарказ ва мухтори таъмини оби нӯшокӣ истифодашаванда, инчунин партофтани обҳои партов аз тарафи моликони ин шабакаҳо анҷом дода мешавад.
5. Назорати риояи талаботи стандартҳои давлатӣ оид ба оби нӯшокӣ ва обҳои партов, инчунин тарзу усулҳои назорати ин обҳо аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ оид ба стандартикунонӣ якҷоя бо мақоми ваколатдори назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист таъмин карда мешавад.
6. Назорати давлатии риояи меъёру қоидаҳои сохтмонӣ ва санитарӣ ҳангоми лоиҳакашӣ ва сохтмони иншооти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов аз ҷониби мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба сохтмон ва меъморӣ, инчунин мақоми ваколатдори назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ амалӣ карда мешавад.
7. Назорати давлатӣ ва баҳисобгирӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.
8. Санҷиши фаъолияти субъектони хоҷагидор тибқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои хоҷагидор амалӣ карда мешавад.

**Моддаи 15. Маблағгузорӣ ва тарифи хизматрасонии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов**

1. Манбаъҳои маблағгузории таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов инҳо мебошанд:

- маблағҳои буҷети ҷумҳуриявӣ ва маҳаллӣ;

- маблағҳои истеъмолкунандагони оби нӯшокӣ ва истифодабарандагони шабакаҳои рафъи обҳои партов мутобиқи тарифҳои тасдиқшуда;

- маблағҳои ихтиёрии аҳолӣ ва субъектҳои хоҷагидор;

- маблағҳои дигаре, ки қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон манъ накардааст.

2. Бо мақсади дар як ҷо ҷамъ овардан ва самаранок истифода бурдани маблағҳои дар қисми 1 ҳамин модда номбаршуда, аз ҷумла созмонҳои байналмилалӣ, барои татбиқи дастовардҳои муосири илмӣ ва техникӣ, барқарорсозӣ, азнавсозӣ ва сохтмони шабакаҳои нави таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бо иштироки шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд фондҳои боварӣ таъсис диҳанд.
3. Асоси муносибатҳои молиявии ташкилотҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов бо истеъмолкунандагон ва мақомоти андозро насби ҳатмии воситаҳои ченкунии оби истифодашуда барои ҳар як муштарӣ ва низоми нархгузории муносиб бо дар назар доштани мавҷудияти кумаки давлатӣ ба баъзе аз воҳидҳои

маъмурию ҳудудӣ, ҳолати ичтимоии табақаҳои гуногуни аҳолӣ ва чораҳои ҳимояи онҳо, даромаднокии соҳибкорон ва ташкилотҳо новобаста аз шакли моликият ташкил медиҳад.

4. Тарифҳои хизматрасониҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов барои ҳар як гурӯҳи истеъмолкунандаи оби нӯшокӣ ва истифодабарандагони шабакаҳои рафъи обҳои партов алоҳида барои меъёр ва аз меъёр зиёд таркибёфта аз инҳо иборат мебошад:

- қисмати амалиётӣ, ки пардохт аз рӯи нишондоди асбоби баҳисобгирӣ барои ҳар як метри мукааби оби нӯшокӣ рӯёнида мешавад;

- қисмати хизматрасонӣ, ки пардохт аз истеъмол-кунандагони оби нӯшокӣ новобаста аз нишондоди асбоби баҳисобгирии он гирифта мешавад.

5. Тартиби таҳия намудани тарифҳо барои хизматрасонии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.
6. Тасдиқи тарифҳо барои хизматрасонии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов, муайян намудани категорияҳои истеъмолкунандагони оби нӯшокӣ ва истифодабарандагони шабакаҳои рафъи обҳои партов ва пешниҳоди имтиёзҳои дахлдорро ба онҳо қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд.

**Моддаи 16. Дастгириии давлатии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов**

Имтиёзҳои андозӣ, қарзӣ ва имтиёзҳои дигари барои ташкилотҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов, новобаста аз шакли моликият, инчунин барои истеҳсолкунандагони таҷҳизот ва маводи таъминкунандаи фаъолияти шабакаҳо ва сармоягузорон тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

## БОБИ 5. КАФОЛАТҲОИ ДАВЛАТИИ ТАЪМИНИ ОБИ НӮШОКӢ ВА РАФЪИ ОБҲОИ ПАРТОВ

**Моддаи 17. Кафолатҳои давлатии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов**

1. Давлат барои рушди таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов шароит фароҳам меорад, таъмини истеъмолкунандагонро бо оби нӯшокии ҷавобгӯ ба меъёрҳои муқарраршудаи бехатарӣ, сифат ва миқдор, инчунин шабакаҳои комилан мувофиқи рафъи обҳои партов кафолат медиҳад.
2. Эҳтиёҷоти истеъмолкунандагон ба оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов дар маҳалли зист бо тадбирҳои рушди афзалиятноки шабакаҳои мутамарказ ё ғайримутамаркази шабакаи таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов, инчунин бо чораҳои дастгирии давлатии онҳо қонеъ гардонида мешавад.
3. Кафолати ҳуқуқи шаҳрвандон ба оби нӯшокии бехатар ва рафъи обҳои партов дар ҷойҳои ҷамъиятӣ (дар роҳҳои оҳан, фурудгоҳҳо, боғҳои фароғатӣ, муассисаҳои варзишӣ ва табобатӣ, муассисаҳои таълимӣ, ҷойҳои оббозикунӣ (пляжҳо) ва дигар, инчунин ҳангоми ҳаракат дар воситаҳои нақлиёт аз тарафи моликони ин иншоот таъмин карда мешавад.
4. Дар ҳолати вайрон шудани кори шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ, ки боиси халалдор шудани таъмини истеъмолкунандагон бо оби нӯшокӣ ва (ё) номувофиқатии сифат ва бехатарии он мегардад, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, моликони шабакаҳо ва ташкилотҳои таъминоти оби нӯшокӣ дар доираи ваколатҳои худ

уҳдадоранд, ки барои таъмини истеъмолкунандагон бо оби нӯшокӣ ба миқдор ва муҳлати барои чунин ҳолатҳо муқарраргардидаи меъёри истеъмоли оби нӯшокӣ бо истифода аз манбаъҳо ва шабакаҳои эҳтиётии таъмини оби нӯшокӣ, воситаҳои техникии маишӣ ва тозакунии дастаҷамъонаю безараргардонии об ва ё тариқи кашонидани оби нӯшокӣ бо зарфҳо чораҳо андешанд.

5. Номгӯи чорабиниҳое, ки дар ҳолатҳои халалдоршавии кори шабакаҳои мутамарказ, ғайримутамарказ ва мухтори таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов андешида мешаванд, дар нақшаи корҳои таъҷилии таъмин намудани истеъмолкунандагони маҳалли мушаххас бо оби нӯшокӣ муайян мегарданд.

**Моддаи 18. Таъмини сифат ва бехатарии оби нӯшокӣ**

Сифат ва бехатарии оби нӯшокие, ки ба истеъмолкунандагон дода мешавад, бояд ба талаботи меъёрӣ мутобиқ буда, бо чораҳои зерин таъмин карда мешавад:

- интихоби мувофиқи манбаи таъмини оби нӯшокӣ, технологияи тоза кардани об ва безараргардонии он;

- назорати мунтазами сифат ва бехатарии оби нӯшокӣ дар шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ;

- дар шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ истифода намудани таҷҳизот, мавод, реагентҳое, ки безарар будани онҳоро сертификати муқарраршуда тасдиқ мекунад;

- муқаррар намудан ва ҳар 5 сол аз нав баррасӣ кардани талаботи меъёрӣ нисбат ба оби нӯшокӣ ва манбаъҳои таъмини он мутобиқи дастовардҳои муосири илмӣ;

- ҳифзи манбаъҳо ва шабакаҳои таъмини оби нӯшокии мутамарказ, ғайримутамарказ ва мухтор бо муқаррар намудани минтақаҳои санитарию муҳофизатӣ ва андешидани чораҳои дигари ҳифзи оби нӯшокӣ аз ифлосшавӣ дар ҳолати амалҳои тасодуфӣ ё барқасдона;

- таҳия ва татбиқи нақшаҳои таъмини оби нӯшокӣ бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;

- таҳия ва татбиқи барномаҳои кории истифода ва назорати сифату бехатарии оби нӯшокии шабакаҳои обтаъминкунии мутамарказ, ғайримутамарказ ва мухтор вобаста ба шароити маҳал;

- муқаррар намудани чораҳои қатъии назорати даврии сифат ва бехатарии оби нӯшокӣ аз ҷониби мақоми ваколатдори назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳангоми таҳдиди хатар ба саломатии одамон вобаста ба бад гаштани сифати оби нӯшокӣ.

**Моддаи 19. Таъмини сифат ва бехатарии обҳои партов**

Сифат ва бехатарии обҳои партов бояд ба талаботи меъёрӣ мутобиқ буда, бо чораҳои зерин таъмин карда шаванд:

- муқаррар намудани низоми мувофиқ барои партофтани моводи ифлоскунанда ба обҳои партофташаванда барои категорияи истеъмолкунандагони оби нӯшокӣ;

- таъмин намудани ҳолати меъёрию техникии шабакаҳои рафъи обҳои партов;

- интихоби мувофиқи маҳалли ҷойгиркунонии иншооти тозакунанда ва технологияҳои тозакунии обҳои партов;

- назорати мунтазами сифат ва бехатарии обҳои партов дар шабакаҳои рафъи обҳои партов;

- дар шабакаи рафъи обҳои партов истифода намудани таҷҳизот, мавод ва реагентҳое, ки бехатарии онҳо бо сертификати муқарраршуда тасдиқ гардидаанд;

- муқаррар кардан ва ҳар 5 сол аз нав баррасӣ намудани талаботи меъёрӣ нисбат ба обҳои партов ва мутобиқати онҳо ба дастовардҳои муосири илмӣ;

- муқаррар кардани минтақаҳои санитарию муҳофизатии шабакаҳои рафъи обҳои партов;

- таҳия ва татбиқи нақшаҳои таъмини бехатарии обҳои партов бо тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист ва мақоми ваколатдори назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;

- вобаста аз шароити маҳал коркард ва татбиқи барномаҳои кории истифодабарӣ ва истеҳсолии назорати сифат ва бехатарии обҳои партови шабакаҳои рафъи обҳои партов;

- ҳангоми таҳдиди хатар ба саломатии одамон вобаста ба бад шудани сифати обҳои партов муқаррар намудани чораҳои қатъии назорати даврии сифат ва бехатарии обҳои партов аз ҷониби мақоми ваколатдори назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ.

**Моддаи 20. Ҳифзи манбаъҳо ва шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ**

1. Ҳифзи манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ аз ифлосшавӣ, хушкшавӣ, камобшавӣ, ҳифзи шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ аз осебу вайроншавӣ, пайвастшавии худсарона шарти ҳатмии таъмини бехатарӣ ва безарарии оби нӯшокӣ буда, бо иҷрои талаботи техникӣ, истифодабарӣ, санитарӣ, экологӣ ва тадбирҳои пешгирӣ аз ифлосшавӣ, хушкшавӣ ва камобшавии иншооти обии рӯизаминӣ ва зеризаминӣ, муқаррар намудани минтақаҳои санитарию муҳофизатии манбаъҳо ва шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ (ғайр аз шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ дар воситаҳои нақлиёт), риояи низоми барои минтақаҳои мазкур муқарраргардида, инчунин муқаррар намудани чораҳои таъсиррасонӣ барои амали барқасдона, ки ба ифлосшавии манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ ва зарар ба шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ оварда мерасонанд, амалӣ мегардад.
2. Минтақаҳои санитарию муҳофизатӣ барои ҳамаи манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ, инчунин барои шабакаҳои мутамарказ, ғайримутамарказ ва мухтори таъмини оби нӯшокӣ, новобаста аз шаклҳои моликият, мутобиқи меъёру қоидаҳои санитарӣ, сохтмонӣ бо мақсади пешгирӣ намудан аз ифлосшавии тасодуфӣ ва барқасдонаи об муқаррар карда мешаванд.
3. Дар ҳудудҳои якум ва дуюми минтақаҳои санитарию муҳофизатии манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ партофтани обҳои партов ва сохтмони иншооте, ки ба шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ алоқамандӣ надоранд, манъ аст.
4. Дар ҳудуди сеюми минтақаҳои санитарию муҳофизатӣ партофтани обҳои партови шаҳрҳо, корхонаҳои саноатӣ, хоҷагиҳои кишоварзӣ, ки дар таркибашон моддаҳои ифлоскунанда ва унсурҳои биологии аз меъёрҳои дар ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳанда муқарраршуда зиёд доранд, инчунин сохтмони иншоот, ки чунин обҳои партов доранд, манъ аст.

5. Ташкили минтақаҳои санитарию муҳофизатӣ, тартиби лоиҳакашии онҳо, истифода ва муқаррар намудани андоза ва меъёрҳои ба онҳо мувофиқи ҳифзи об, муайян намудани маҷмӯи тадбирҳои ҳифзи санитарӣ, аз ҷумла номгӯи намудҳои фаъолияти манъгардида ва маҳдудшаванда мутобиқи талаботи қоидаву меъёрҳои санитарӣ анҷом дода мешавад.
6. Иҷрои маҷмӯи чорабиниҳои санитарию муҳофизатӣ ва экологӣ ба субъектони зерин вогузор карда мешавад:

- ташкилотҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

- шахсоне, ки дар ҳудуди ин иншоотҳо фаъолияти хоҷагидориро анҷом медиҳанд.

7. Назорати иҷрои маҷмӯи чорабиниҳо ва риояи талаботи минтақаҳои санитарию муҳофизатӣ ба зиммаи мақоми ваколатдори назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист вогузор карда мешавад.
8. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ метавонанд барои пешгирӣ намудани қасдан ифлос намудан ва осеб расонидан ба манбаъ ва шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ чораҳои иловагӣ андешанд.

**Моддаи 21. Ҳифзи шабакаҳои рафъи обҳои партов**

1. Ҳифзи шабакаҳои рафъи обҳои партов аз осебу харобшавӣ шарти ҳатмии таъмини фаъолияти устувор ва бехатарии онҳо ба ҳисоб рафта, бо анҷом додани иҷрои талаботи техникӣ, иттилоотӣ, санитарӣ, экологӣ ва чораҳои пешгирии ифлосшавии иншоотҳои об ва дар маҷмӯъ, муҳити зист аз обҳои партов, инчунин муқаррар намудани минтақаҳои санитарию муҳофизатӣ (ғайр аз шабакаҳои рафъи обҳои партов дар нақлиёт), риояи реҷаи муқарраршуда амалӣ карда мешавад.
2. Шабакаҳои рафъи обҳои партов, новобаста аз шаклҳои моликият ва заминҳои ба онҳо вобаста, бояд танҳо бо мақсадҳое, ки барои онҳо пешбинӣ гардидаанд, истифода бурда шаванд.
3. Минтақаҳои санитарию муҳофизатии шабакаҳои рафъи обҳои партов, новобаста аз шакли моликият, бо мақсади пешгирии харобшавии тасодуфӣ ва барқасдонаи онҳо ва ифлосшавии муҳит муқаррар карда мешаванд.
4. Ташкили минтақаҳои санитарию муҳофизатӣ, тартиби муқаррар намудани андозаи онҳо, лоиҳакашӣ, истифода ва меъёрҳои ба онҳо мувофиқи ҳифзи муҳити зист, муайянсозии маҷмӯи чораҳои ҳифзи санитарӣ, аз ҷумла номгӯи намудҳои фаъолияти манъгардида ва маҳдудшаванда дар онҳо, мутобиқ ба талаботи меъёр ва қоидаҳои санитарӣ амалӣ карда мешаванд.
5. Иҷрои маҷмӯи чорабиниҳои ҳифзи санитарӣ ва экологӣ ба субъектони зерин вогузор карда мешавад:

- ташкилотҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов;

- мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ;

- шахсоне, ки дар ҳудуди ин минтақаҳо фаъолияти хоҷагидорӣ анҷом медиҳанд.

6. Назорати иҷрои маҷмӯи чорабиниҳо ва риояи талаботи минтақаҳои санитарию муҳофизатии шабакаҳои рафъи обҳои партов ба зиммаи мақоми ваколатдори

назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист вогузор карда мешавад.
7. Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҳангоми зарурат метавонанд чораҳои иловагӣ андешанд.

**Моддаи 22. Кафолати таъмини оби нӯшокӣ дар ҳолатҳои фавқулода**

1. Таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ дар ҳолатҳои фавқулода (ҳангоми садамаҳо, фалокатҳо, офатҳои табиии фалокатбор, ки дар натиҷаи онҳо манбаъҳои об ифлос мешаванд, шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ осеб мебинанд ва истеъмолкунандагони ин маҳал зиёда аз як шабонарӯз бе об мемонанд) аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ зери роҳбарии комиссия оид ба ҳолатҳои фавқулода ва мудофиаи гражданӣ, инчунин мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот амалӣ мегардад.
2. Ҳолатҳои фавқулода дар самти таъмини оби нӯшокӣ аз тарафи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ якҷоя бо мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист пешгӯӣ гардида, барои таъмини истеъмолкунандагон бо оби нӯшокӣ, рафъи обҳои партов ва бартараф намудани оқибатҳои ҳолатҳои фавқулода чораҳо андешида мешаванд.

**Моддаи 23. Иттилоот оид ба масъалаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов**

1. Иттилоот оид ба масъалаҳои оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов ба дархосткунанда ройгон дода мешавад. Иттилоот оид ба сифат ва бехатарии оби нӯшокӣ ба истеъмолкунандагон тариқи воситаҳои ахбори омма пешниҳод карда мешавад.
2. Дар ҳолатҳои ошкор гардидани номутобиқатии сифат ва бехатарии оби нӯшокӣ ва обҳои партов ба талаботи меъёрии муқарраршуда, ки метавонад ба саломатии одамон таҳдид намояд, моликони шабакаҳо ва ташкилотҳои таъмини оби нӯшокӣ, мақомоти назораткунандаи мутобиқатии сифат ва бехатарии оби нӯшокӣ ва обҳои партов ба талаботи меъёрӣ уҳдадоранд, истеъмолкунандагони оби нӯшокиро дар бораи муҳлати барҳам додани ин номутобиқатӣ, инчунин чораҳои эҳтиётӣ (чораҳои иловагии коркарди об) ва ё аз маҳалу вақти додани оби нӯшокии ҷавобгӯ ба талаботи  меъёрӣ бетаъхир хабардор намоянд.
3. Иттилоъ оид ба таваққуфҳои эҳтимолӣ дар таъмини оби нӯшокӣ аз ҷониби ташкилот ва мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов ба истеъмолкунандагон бо тартиби ҳатмӣ, пешакӣ, расмӣ тавассути воситаҳои ахбори омма ё воситаҳои дигари дастрасии иттилоот расонида мешавад.
4. Ташкил ва назорати таъмини истеъмолкунандагон бо иттилооти саривақтӣ оид ба сифат ва бехатарии оби нӯшокӣ, ғайриимкон будани таъмини доимии он, инчунин вобаста ба масъалаҳои дигари таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов ба зиммаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ гузошта мешавад.

## БОБИ 6. ҲУҚУҚ ВА УҲДАДОРИҲО ДАР САМТИ ТАЪМИНИ ОБИ НӮШОКӢ ВА РАФЪИ ОБҲОИ ПАРТОВ

**Моддаи 24. Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои моликони шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва ташкилотҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов**

1. Моликони шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов ва ташкилотҳое, ки чунин шабакаҳоро истифода мебаранд, ҳуқуқ доранд:

- мутобиқи шартномаи дуҷониба аз истеъмолкунандагони оби нӯшокӣ ва истифодабарандагони шабакаҳои рафъи обҳои партов барои хизматрасонии оби воқеан додашуда ва рафъи обҳои партов пардохти маблағро талаб намоянд;

- барои ҷуброни зарар ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки сабаби ифлосшавӣ ва (ё) камобшавии манбаъҳои об гаштаанд, инчунин ба шабакаҳои таъмини об ва рафъи обҳои партов осеб расонидаанд, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба суд аризаи даъвогӣ пешниҳод намоянд.

2. Моликони шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов ва ташкилотҳое, ки чунин шабакаҳоро истифода мебаранд, уҳдадоранд:

- нақшаҳои таъмини оби нӯшокии бехатар ва рафъи обҳои партовро тибқи тартиби муқаррарнамудаи мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов таҳия ва амалӣ намоянд;

- шартҳои технологии ҷавобгӯ ба талаботи меъёрҳои оби нӯшокӣ ва обҳои партовро риоя намоянд;

- меъёрҳои мунтазами додани оби нӯшокии босифат ва бехатарро дар навбати аввал барои қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аҳолӣ, инчунин корхонаҳои саноати хӯрокворӣ ва муассисаҳои тиббӣ таъмин кунанд;

- ҳангоми зарурат додани оби нӯшокиро мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо фосила ба роҳ монанд, маҳдуд созанд, боз доранд ва ё қатъ намоянд;

- таҷҳизот, мавод ва моддаҳои кимиёвии барои фаъолияти обтаъминкунӣ ва рафъи обҳои партов иҷозатдодашударо, ки дорои сертификати мутобиқат ба талаботи муқарраргардида мебошанд, истифода баранд;

- пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намоянд;

- оби нӯшокии истифодашуда ва рафъи обҳои партовро ба ҳисоб гиранд, махзани маълумот ва системаи иттилоотӣ таъсис диҳанд ва маълумоти дахлдорро тибқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба махзани иттилоотӣ ва системаи миллии иттилоотии захираҳои об ройгон пешниҳод намоянд;

- ба истифодаи оби нӯшокӣ дар истеҳсолоти корхонаҳое, ки ҷараёни технологиашон истифодаи оби нӯшокиро талаб намекунад, дар ҳолатҳое, ки ин метавонад ба таъмини аҳолӣ бо оби нӯшокӣ бевосита таъсир расонад, роҳ надиҳанд;

- назорати идоравии сифат ва бехатарии оби нӯшокиро мутобиқ ва дар асоси усулҳои санҷидашудаи озмоишгоҳӣ ва ё стандартишуда ташкил намоянд ва истеъмолкунандагонро аз паст шудани сифати оби нӯшокӣ сари вақт огоҳ кунанд;

- мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов ва мақоми ваколатдори назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолиро аз сар задани фалокат ва ҳолатҳои дигари фавқулодае, ки ба вазъи манбаъҳо ва шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов таъсир мерасонанд, инчунин ба талаботи меъёру қоидаҳои

санитарии амалкунанда мувофиқат накардани сифат ва бехатарии оби нӯшокӣ сари вақт огоҳ намоянд;

- барои санҷиши иншооти обтаъминкунӣ ва рафъи обҳои партов аз ҷониби намояндагони мақоми ваколатдори назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, танзими истифодаи захираҳои об, мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, инчунин мақоми ваколатдори давлатӣ дар самти таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов монеъ нашаванд;

- қоидаҳои хоҷагидорӣ ва фаъолияти дигарро, ки барои минтақаҳои санитарию муҳофизатии манбаъҳо ва шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ, инчунин минтақаҳои санитарию муҳофизатии шабакаҳои рафъи обҳои партов муқаррар гардидаанд, риоя намоянд;

- ба вайрон намудани ҳуқуқҳои истеъмолкунандагони дигари оби нӯшокӣ ва расонидани зарар ба муҳити зист роҳ надиҳанд;

- таъмири ҷорӣ ва асосии шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партовро сари вақт анҷом диҳанд;

- манбаъҳои таъмини оби нӯшокиро аз ифлосшавӣ, хушкшавию камобшавӣ ва шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партовро аз осеб дидан муҳофизат намоянд;

- таҷҳизот ва асбобҳои ченкунии оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партовро насб ва хизматрасонии онҳоро таъмин намоянд.

3. Ҷавобгарии моликони шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов, ки ҳуқуқи идора кардани ин шабакаҳоро ба ташкилотҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов вогузор намудаанд, дар асоси шартномаҳои тарафайн бо риояи муқаррароти қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад.

**Моддаи 25. Ҳуқуқ ва ӯҳдадориҳои истеъмолкунандагони оби нӯшокӣ ва истифодабарандагони шабакаҳои рафъи обҳои партов**

1. Истеъмолкунандагони оби нӯшокӣ ва истифодабарандагони шабакаҳои рафъи обҳои партов ҳуқуқ доранд:

- аз шабакаҳои мутамарказ, ғайримутамарказ ва мухтори таъмини оби нӯшокӣ мувофиқи меъёрҳои сифат, бехатарӣ ва истеъмолӣ бо оби нӯшокӣ таъмин бошанд;

- назорати сифат ва бехатарии оби нӯшокии ба шабакаҳои мутамарказ, ғайримутамарказ ва мухтор расонидашаванда ва обҳои партови ба шабакаҳои рафъи обҳои партов партофташавандаро талаб намоянд;

- тибқи тартиби пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сифат ва бехатарии оби нӯшокӣ ва обҳои партов ва эҳтимолияти таваққуф дар таъмини оби нӯшокӣ сари вақт ва пурра иттилоот гиранд;

- бо тартиби муқарраргардида барои гузаронидани экспертизаи санитарию эпидемиологӣ ва ҷамъиятии экологӣ бо ташаббус муроҷиат ва натиҷаи онро ба мақомоти дахлдори давлатӣ пешниҳод намоянд;

- мониторинги ҷамъиятӣ гузаронанд;

- ҷуброни зарареро, ки дар натиҷаи таъмини оби нӯшокии ба талаботи меъёрҳо номутобиқ ва аз кори ғайриқаноатбахши шабакаҳои обҳои партов ба онҳо расонида шудааст, талаб намоянд.

2. Шахсони воқеӣ ҳуқуқ доранд, ки дар навбати аввал аз шабакаҳои мутамарказ, ғайримутамарказ ва мухтори таъмини оби нӯшокӣ мувофиқи меъёрҳои сифат, бехатарӣ ва истеъмолӣ бо оби нӯшокӣ таъмин карда шаванд.
3. Истеъмолкунандагони оби нӯшокӣ ва истифодабарандагони шабакаҳои рафъи обҳои партов уҳдадоранд:

- талаботи меъёриро нисбат ба сифат ва бехатарии оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов, инчунин дигар талаботи муқаррарнамудаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро риоя намоянд;

- ба ифлосшавӣ, олудашавӣ ва камобшавии манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ, инчунин осеб дидани шабакаҳои таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов роҳ надиҳанд;

- оби нӯшокиро барои эҳтиёҷоти маишӣ ва истеҳсолӣ самаранок ва оқилона истифода баранд;

- ҳаққи хизматрасонии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партовро мувофиқи тарифҳои муқарраргардида сари вақт пардохт намоянд;

- нигоҳдорӣ ва истифодаи дурусти шабакаҳоро таъмин намоянд;

- сари вақт мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақоми ваколатдори назорати давлатии тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи ҳифзи муҳити зист, таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партовро аз ҳолати ғайриқаноатбахши шабакаҳо, инчунин амалҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, ки метавонанд ба ифлосшавӣ ва (ё) олудашавии манбаъҳои таъмини оби нӯшокӣ, шикастан ва вайрон шудани шабакаи таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов оварда мерасонад, хабардор кунанд.

## БОБИ 7. МУҚАРРАРОТИ ХОТИМАВӢ

### Моддаи 26. Ҷавобгарӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур

Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ барои риоя накардани талаботи Қонуни мазкур бо тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷавобгарӣ кашида мешаванд.

### Моддаи 27. Дар бораи аз эътибор соқит донистани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи оби нӯшокӣ ва таъмини он»

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2010 «Дар бораи оби нӯшокӣ ва таъмини он» (Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2010, № 12, қ. 1, мод. 829; с. 2018, № 1, мод.15) аз эътибор соқит дониста шавад.

### Моддаи 28. Тартиби мавриди амал қарор додани Қонуни мазкур

Қонуни мазкур пас аз интишори расмӣ мавриди амал қарор дода шавад.

Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ РАҲМОН

ш. Душанбе,

19 июли соли 2019,

№ 1633